**Ба Шурои диссертатсионии**
**6D. КОА-029-и назди Донишгоҳи**
**миллии Тоҷикистон (734025,**
**ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Муллоботур Муллобаҳодур дар мавзуи “Ифротгароии динӣ: шаклҳо ва сабабҳои пайдоиши он дар ҷомеаи тоҷикистонӣ (таҳлили фалсафӣ–иҷтимоӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтсоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ**

Дар вазъияти кунунӣ густариши босуръати равандҳои ҷаҳонишавии дар дунё баамалоянда боиси сар задани як қатор хатарҳои ҷиддӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз қабили бӯҳрони экологӣ, шиддат гирифтани низоъҳои этникӣ, проблемаҳои ифротгароӣ ва тундгароӣ мегардад. Яке аз падидаҳои нохуш ва хатарнок дар шароити имрӯза масъалаи ифротгароӣ буда, давраи инкишоф ва таҳрик ёфтани он бо пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ тавъам аст. Пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ болоравии андешаҳои динӣ оғоз гардида, тадриҷан ба сиёсишавӣ ва таъсис ёфтани бархе аз ҳаракатҳо, ҳизбҳо ва гурӯҳҳои тундгарои динӣ, ба монанди “Ихвон-ул-муслимин”, “Ҷамоати Ансоруллоҳ”, “Ҳизби Таҳрир”, “Салафия”, ки ҳар кадоми онҳо нақшаҳо ва ғаразҳои барои арзишҳои миллию давлатӣ ва минтақавии кишварҳои Осиёи Марказӣ комилан бегона ва мухолифро думболагирӣ мекарданд, сабабгор шуданд. Зери таъсири сиёсати “бозсозӣ” ва демократикунонӣ дар ҷомеа бозандешии арзишҳои миллӣ ва эътиқодӣ дар байни пайравони ҳамаи динҳои амалкунандаи ҷумҳуриҳои шуравии собиқ ривоҷи бесобиқа пайдо кард. Дар натиҷа ин зуҳурот боиси террроризм ва ифротгароии динӣ дар байни пайравони дину мазҳабҳои гуногун гардида, дар айни замон барои ҳар як кишвари миллӣ дар роҳи таҳкими истиқлолияти давлатӣ аз тариқи ташаккули худшиносии миллӣ мушкилот эҷод менамояд.

Ифротгароӣ дар шароити ҳозира бо назардошти дигаргуниҳои баамалояндаи глобалӣ ва минтақавӣ зуҳуроти қатъии сиёсат ва идеология дар ҷомеа ва давлат мебошад. Он дар сатҳи шахсият зуҳури ғояҳо, дар сатҳи ҳокимияти давлатӣ зуҳури сиёсат ва дар сатҳи ҷомеа зуҳури идеологӣ аст. Тӯли даҳсолаҳои охир чунин ҷараёнҳои ифротгароӣ, ки бо равияҳои динӣ алоқаманданд, беш аз пеш паҳн мегарданд. Воқеаҳои ҷаҳон нишон медиҳанд, ки дар марҳалаи ҳозира хавфи бештареро на ифротгароии оддӣ, балки ифротгароии динӣ ба вуҷуд меорад. Вай аз дигар шаклҳои ифротгароӣ бо он фарқ мекунад, ки ба дигаргунсозии зӯроваронаи сохти давлатӣ ва ғасби

ҳокимият, халалдор сохтани соҳибихтиёрӣ ва тамомияти арзии давлат нигаронида шуда, дар ин маврид таълимот ва рамзҳои диниро чун омили муҳими ҷалбсозии одамон истифода мекунад ва онҳоро ба муборизаи оштинопазир сафарбар менамояд. Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки солҳои охир миқдори зиёди таҳқиқотҳо маҳз ба ин падидаи номатлуб дар ҷомеа бахшида шудаанд. Ин раванд ҳамчун тамоюли нави фалсафиву иҷтимоӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқи илмҳои гуманитариву ҷомеашиносӣ, махсусан фалсафаи иҷтимоӣ қарор гирифтааст. Диссертатсияи Муллоботур Муллобаҳодур дар мавзуи “Ифротгароии динӣ: шаклҳо ва сабабҳои пайдоиши он дар ҷомеаи тоҷикистонӣ (таҳлили фалсафӣ–иҷтимоӣ) буда, ба ҳамин самт нигаронида шудааст.

Дар автореферати диссертатсия ҳамоҳангӣ ва мувофиқати комили объект, предмет, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот бо навгониҳо ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба назар мерасад. Навгониҳои илмӣ ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба муҳтаво ва мазмуни диссертатсия мувофиқ мебошад.

Аз мазмун ва муҳтавои автореферат маълум мегардад, ки диссертатсия аз ду боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Боби якуми диссертатсия “Асосҳои назариявӣ-методологии омӯзиши ифротгароии динӣ дар низоми донишҳои муосир” аз се зербоб иборат буда, ба омӯзиши мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои асосии ифротгароии динӣ, омилҳо, сарчашмаҳо ва шаклҳои зуҳуроти ифротгароии динӣ дар шароити муосири инкишофи ҷамъиятӣ, асосҳо ва заминаҳои арзишиву меъёрии ташаккули ифротгароии динӣ бахшида шудааст.

Боби дуюми диссертатсия – «Мубориза бар зидди ифротгароии динӣ ва пешомади он дар шароити ҷомеаи тоҷикистонӣ» – аз се зербоб иборат буда, ба омӯзиши оқибатҳои манфии ифротгароии динӣ ва самтҳои асосии мубориза бо ин зуҳуроти манфӣ дар ҷомеаи тоҷикистонӣ бахшида шудааст.

Дар хулоса натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ҷамъбаст карда шудаанд.

Моводи нашри диссертатсия вобаста ба мавзуи таҳқиқот, ки 9 мақола, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад, ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат мекунад.

Автореферати диссертатсияи Муллоботур Муллобаҳодур дар мавзуи “Ифротгароии динӣ: шаклҳо ва сабабҳои пайдоиши он дар ҷомеаи тоҷикистонӣ (таҳлили фалсафӣ–иҷтимоӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтсоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ

фишурдаи муҳтавои таҳқиқоти комилу анҷомёфта ва илман асоснок мебошад. Бо вуҷуди ин, дар автореферат камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки чунин ишора мегарданд:

1. Тарғибу ташвиқи ифротгароии динӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ бояд васеътар таҳқиқ мегардид. Зеро дар шароити имрӯза яке аз сарчашмаҳои тавсеа ёфтани ифротгароӣ маҳз шабакаҳои иҷтимоӣ ба шумор мераванд.

2. Таҳлилу омӯзиши автореферат нишон медиҳад, ки зимни гузаронидани таҳқиқот муаллиф ба олимони хориҷӣ бештар такя намудааст, бояд ба олимони ватанӣ бештар такя менамуд.

Камбудиҳои зикршуда ба моҳияти таҳқиқот таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти анҷомёфта ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Муллоботур Муллобаҳодур барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтсоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
Муқарризи расмӣ: дотсенти кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон номзади илмҳои фалсафа, дотсент Миров Ф.С.

**Суроғаи муқарриз:**
**Суроға:** ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, бинои 15, ошёнаи 2, утоқи 33
**Телефон:** +(992) 93-733-33-11
**E-mail:** mirov2010@mail.ru; mirov.firuz.s@gmail.co

Имзои н.и.ф, дотсент Миров Ф.С.
тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш

24-02. 2024

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17
**E-mail**: tnu.int.re@gmail.com
**Веб-сайт**: www.tnu.tj
Тел.: (+99237) 221-77-11; 221-47-96